# ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ТАРТИБИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ СОХТИ МАЪМУРИЮ ҲУДУДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)

Қонуни конститутсионии мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ, салоҳият ва ваколати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дар ҳалли масъалаҳои таъсису барҳам додани воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин, муқаррар намудану тағйир додани сарҳади онҳо, номгузорию номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин, баҳисобгирию бақайдгирии онҳо, ҳамчунин масъалаҳои дигари вобаста ба сохти маъмурию ҳудудиро муайян менамояд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни конститусионии мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*:

- сохти маъмурию ҳудудӣ - тақсим кардани ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ бо мақсади самаранок ташкил намудани идоракунии давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;
- воҳиди маъмурию ҳудудӣ - ҳудуди тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии мазкур муайяншудае, ки ҳудуди як ё якчанд маҳалҳои аҳолинишин ва ҳудудҳои дигари беаҳолиро муттаҳид намуда, дар он мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот мутаносибан идоракунии давлатӣ ё фаъолияти худидоракуниро амалӣ менамоянд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;
- маҳалли аҳолинишин - ҳудуди муайяни ҷои зисти аҳолӣ, ки дар он равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сохтори демографии аҳолӣ, шуғли онҳо ташаккул ёфта, сохтмон ва навсозии манзилҳои истиқоматӣ, дигар биною иншоот ҷиҳати пешбурди ҳаёту фаъолияти аҳолӣ амалӣ гашта, номи худ ва мувофиқи тартиби муқарраршуда марзи муайян дорад;
- вилоят - воҳиди маъмурию ҳудудӣ мазкур ҷойгирифтаро муттаҳид намуда, дар он идоракунии давлатӣ бо назардошти манфиатҳои ҷомеа дар маҳалҳо ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатию худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;
- шаҳр - маҳалли аҳолинишин, ки ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба қайд гирифта шуда, дар он идоракунии давлатӣ бо назардошти манфиатҳои ҷомеа дар маҳалҳо амалӣ карда мешавад. Шаҳр ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ метавонад ҳудуди ноҳия, шаҳрак ва деҳотро муттаҳид намояд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;
- ноҳия - воҳиди маъмурию ҳудудӣ, ки шаҳракҳо ва деҳоти дар ҳудуди муқарраргардидаи ноҳияи мазкур ҷойгирифтаро муттаҳид намуда, дар он идоракунии давлатӣ бо назардошти манфиатҳои ҷомеа дар маҳалҳо ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатию худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- шаҳрак - маҳалли аҳолинишин, ки ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба қайд гирифта шуда, дар он худидоракунии маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дар ҳудуди шаҳрак мумкин аст маҳалҳои аҳолинишини дигар, ки воҳидҳои маъмурию ҳудудии алоҳида нестанд, ташкил карда шаванд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- деҳот - воҳиди маъмурию ҳудудӣ, ки аз як ё якчанд деҳаҳо иборат буда, дар он худидоракунии маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- деҳа - ҳудуди муайяни ҷои зисте, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳалли аҳолинишин ба қайд гирифта шуда, дар он дараҷаи муайяни ободонӣ таъмин карда шудааст;

- маркази маъмурӣ - маҳалли аҳолинишин, ки дар он мақомоти идоракунандаи ҳокимияти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷойгир шудаанд;

- бақайдгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин - амали мақоми ваколатдори давлатии бақайдгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин (минбаъдмақоми ваколатдори давлатӣ) дар бораи ба расмият даровардан ва ба Феҳристи ягонаи бақайдгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин (минбаъд - Феҳристи бақайдгирӣ) дохил намудани воқеияти таъсис ва барҳам додани воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, тағйир додани сарҳади онҳо, ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа мансуб донистани маҳалли аҳолинишин, муқаррар кардан ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, номгузорӣ ва номивазкунии онҳо *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- баҳисобгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин - амали баъди бақайдгирӣ аз тарафи мақомоти дахлдори маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба Феҳристи баҳисобгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин (минбаъд - Феҳристи баҳисобгирӣ) дохил кардан ва аз он хориҷ намудани маълумот дар бораи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни конститутсионии мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

**Моддаи 3. Принсипҳои асосии ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

Ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*:

- тақсимнашаванда ва дахлнопазир будани ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мувофиқати манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолие, ки дар ҳудуди дахлдор зиндагӣ мекунад;

- ваколатҳои худро амалӣ намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ҳудуди воҳиди маъмурию ҳудудии дахлдор *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- гуногуншаклии вазъи ҳуқуқии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ мутобиқи таъиноти онҳо, хусусиятҳои маҳал, сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва дигар омилҳо *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- ошкорбаёнӣ ва ба ҳисоб гирифтани афкори умум ҳангоми ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

**Моддаи 4. Воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва ҳудуди онҳо**
*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

1. Ба воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳот, ки дар онҳо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот ташкил карда шудаанд, дохил мешаванд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

2. Ба ҳар як воҳиди маъмурию ҳудудӣ бо мақсади муайян намудани доираи ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот ном гузошта, сарҳад ва маркази маъмурие, ки дар он мақомоти мазкур ҷойгир шудаанд, муқаррар карда мешаванд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

3. Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи сохти маъмурию ҳудудӣ ба ҳудуди пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тақсим мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

4. Ҳудуди пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба ҳудуди ноҳияҳои тобеи шаҳр тақсим мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

5. Ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба ҳудуди шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи вилоят тақсим мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

6. Ҳудуди шаҳр ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ, ки маҳалҳои аҳолинишини дигарро муттаҳид намудааст, ба ҳудуди шаҳр, шаҳрак ва деҳот, ки воҳиди маъмурию ҳудудии алоҳида мебошанд, тақсим мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

7. Ҳудуди ноҳия ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба ҳудуди шаҳрак ва деҳот, ки воҳидҳои маъмурию ҳудудии алоҳида мебошанд, тақсим мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

8. Ҳудуди шаҳрак ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудии маҳалҳои аҳолинишини дигарро муттаҳидкунанда ба ҳудуди шаҳрак ва маҳалҳои аҳолинишине, ки воҳиди маъмурию ҳудудии алоҳида нестанд, тақсим мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

9. Ҳудуди деҳот ҳамчун воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба ҳудуди маҳалҳои аҳолинишине, ки воҳиди маъмурию ҳудудӣ алоҳида нестанд, тақсим мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

**Моддаи 5. Маҳалҳои аҳолинишин**

1. Ба маҳалҳои аҳолинишин шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо дохил мешаванд.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрҳо аз рӯи тобеият ба категорияҳои зерин тақсим мешаванд:

- шаҳри Душанбе - пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- шаҳрҳои тобеи вилоят.

3. Маҳалҳои хурди истиқоматии аҳамияти муваққатидошта, ки истиқоматкунандагони доимӣ надоранд ё объектҳои таъиноти хизматӣ мебошанд (хонаҳои ҷангалбонон, бошишгоҳҳои саҳроӣ, пойгоҳҳои обуҳавосанҷӣ, хонаҳои устоҳои минтақаҳои роҳсозӣ ва ғайра), инчунин ҳавлиҳои алоҳида маҳалли аҳолинишин ҳисобида намешаванд ва ба он маҳалҳои аҳолинишине тааллуқ доранд, ки бо онҳо аз ҷиҳати муносибатҳои хоҷагӣ, маъмурӣ ва ҳудудӣ алоқаманд мебошанд.

**Моддаи 6. Категорияҳои маҳалҳои аҳолинишин**

1. Маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондодҳои зерин ба категорияҳо ҷудо мешаванд:

- шумораи аҳолии дар онҳо истиқоматкунанда;
- сатҳи рушд ва махсусгардонии инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ;
- амалӣ намудани вазифаҳои давлатӣ дар ҳудуди дахлдор.

2. Ба категорияи шаҳрҳо дохил мешаванд:

- шаҳри Душанбе - пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми он бо қонун муайян карда мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492);*
- шаҳрҳое, ки ҳамчун маҳалҳои аҳолинишин марказҳои нисбатан калони иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон воҳиди маъмурию ҳудудии алоҳида мебошанд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;
- шаҳрҳое, ки ҳамчун маҳалҳои аҳолинишин марказҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маъмурӣ ба ҳисоб рафта, ба сифати воҳиди маъмурию ҳудудӣ ҳудуди шаҳрак ва деҳотро низ муттаҳид гардонидаанд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

3. Ба категорияи шаҳрҳо маҳалҳои аҳолинишине мансуб дониста мешаванд, ки марказҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, корхонаҳои саноатӣ, сохтмону нақлиёт, хоҷагии коммуналӣ, фонди давлатии манзил, шабакаи ташкилотҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва савдою хизматрасонӣ дошта, теъдоди аҳолии онҳо аз 10 ҳазор нафар кам нест. Дар мавридҳои алоҳида ба категорияи шаҳрҳо маҳалҳои аҳолинишинеро низ дохил кардан мумкин аст, ки теъдоди аҳолии онҳо аз 10 ҳазор камтар буда, вале дарояндаи наздик барои рушди иқтисодиёт ва афзоиши аҳолӣ имконият доранд.

4. Ба категорияи шаҳракҳо маҳалҳои аҳолинишине мансуб дониста мешаванд, ки дар ҳудуди онҳо объектҳои муҳими иқтисодӣ (ташкилотҳои саноатӣ, сохтмонӣ, истгоҳҳои роҳи оҳан ва ғайраҳо), ҳамчунин муассисаҳои

таълимӣ, табобатию солимгардонӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, ташкилотҳои савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасонии коммуналӣ воқеъ гардида, на камтар аз 2 ҳазор нафар аҳолӣ дошта бошанд. Дар ҳолатҳои истисноӣ ба категорияи шаҳракҳо маҳалҳои аҳолинишини теъдоди аҳолиашон аз 2 ҳазор нафар камтарро низ дохил кардан мумкин аст, агар онҳо маркази маъмурӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳисобида шуда, дар ояндаи наздик барои рушди иқтисодиёт ва афзоиши аҳолӣ имконияти воқеӣ дошта бошанд.

5. Ба категорияи деҳаҳо маҳалҳои аҳолинишине мансуб дониста мешаванд, ки ба дараҷаи муайяни ободонӣ ноил гардида, теъдоди аҳолии онҳо на камтар аз 50 нафарро ташкил медиҳад ва аз нисф зиёди аҳолии онҳо ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд. Дар ҳолатҳои истисноӣ ба категорияи деҳа маҳалҳои аҳолинишини дурдаст ва мушкилгузареро низ дохил кардан мумкин аст, ки теъдоди аҳолии онҳо аз 50 нафар камтар мебошад.

**Моддаи 7. Воҳидҳои ҳудудӣ**

1. Ҳудудҳои истифодаи низоми махсус (мамнуъгоҳҳо, боғҳои табиии давлатӣ, парваришгоҳҳо, ёдгориҳои таърихӣ, ёдгориҳои табиат, ҳудудҳои таъиноти мудофиавӣ ва дигар ҳудудҳо) воҳидҳои ҳудудӣ мебошанд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

2. Таъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ, истифодабарӣ, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии воҳидҳои ҳудудӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 8. Банақшагирии рушди ҳудудӣ дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

Банақшагирии рушди минбаъдаи маҳалҳои аҳолинишин ва воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дар асоси баҳисобгирии маҷмӯии вазъияти мавҷудаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, шаҳрсозӣ ва шароити дигар дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

## БОБИ 2. САЛОҲИЯТУ ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ ОИД БА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ СОХТИ МАЪМУРИЮ ҲУДУДӢ

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

**Моддаи 9. Салоҳияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти қарорҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва маҷлисҳои аҳолии ҳудудҳои дахлдор:

- таъсис, тағйир, барҳам додани воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, муқаррар намудани маркази маъмурӣ ва ба ҷои дигар кӯчонидани онҳоро муайян менамояд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- сарҳади воҳидҳои маъмурию ҳудудиро муқаррар мекунад ва тағйир медиҳад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- мансубияти маҳалҳои аҳолинишинро ба категорияҳои шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоят, шаҳрак ва деҳа муайян мекунад ва тағйир медиҳад;

- масъалаҳои номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишинро ҳал менамояд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

**Моддаи 10. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсис ва барҳамдиҳии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин, муқаррар намудану тағйир додани марказҳои маъмурӣ ва сарҳади онҳо, номгузориву номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин пешниҳод ирсол менамояд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин ба категорияҳои шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоят, шаҳрак ва деҳа, тағйир додани тобеияти онҳо пешниҳод ирсол мекунад;

- оид ба баррасии масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ комиссия таъсис медиҳад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

**Моддаи 11. Ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ**

(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)

1. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо дар мавриди ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*:

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят дар бораи тағйири сарҳади Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, таъсис ва барҳам додани ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, муқаррар кардану ба ҷои дигар кӯчонидани марказҳои маъмурии онҳо, мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин ба категорияи шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоят, шаҳрак ва деҳа ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят оид ба муқаррар намудану тағйир додани сарҳади шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят, шаҳрак ва деҳот ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- бо назардошти афкори аҳолии ҳудудҳои дахлдор ва қарори мақомоти дахлдори маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳия оид ба номгузорӣ ва номивазкунии маҳалҳои аҳолинишин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- оид ба баррасии пешакии масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии дахлдор комиссия таъсис медиҳанд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- Феҳристи баҳисобгириро дар ҳудуди дахлдор пеш мебаранд.

2. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар мавриди ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*:

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанберо дар бораи тағйири сарҳади шаҳр, таъсис ва барҳам додани ноҳияҳои шаҳр ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе оид ба муқаррар намудану тағйир додани сарҳади ноҳияҳои шаҳр ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- бо назардошти афкори аҳолии ноҳияҳои шаҳр ва қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи дахлдор оид ба номгузорӣ ва номивазкунии ноҳияҳои шаҳр ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, ноҳияҳои шаҳр ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- оид ба баррасии пешакии масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии шаҳри Душанбе комиссия таъсис медиҳанд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- Феҳристи баҳисобгириро дар ҳудуди шаҳр пеш мебаранд.

3. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои тобеи вилоят дар мавриди ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*:

- ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо дар бораи тағйир додани сарҳади шаҳрҳо, аз ҷумла дар бораи ба ҳайати онҳо дохил намудани маҳалҳои аҳолинишини алоҳида, ба категорияи шаҳрак ва деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин, дар бораи таъсис ва барҳам додани шаҳрак ва деҳот, тағйирёбии тобеияти онҳо қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- бо назардошти қарори маҷлисҳои аҳолии ҳудудҳои дахлдор барои номгузорию номивазкунии шаҳр, шаҳрак, деҳот ва маҳалҳои аҳолинишин ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- оид ба баррасии пешакии масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии дахлдор комиссия таъсис медиҳанд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- Феҳристи баҳисобгириро дар ҳудуди дахлдор пеш мебаранд.

4. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамаи маводи дар қисми 3 моддаи мазкур зикргардидаро бевосита ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамоянд.

5. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои тобеи вилоят дар мавриди ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*:

- ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо дар бораи ба категорияи шаҳрак ва деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин, дар бораи таъсис ва барҳам додани шаҳрак ва деҳот, тағйирёбии тобеияти онҳо, тағйир додани сарҳади ноҳия, шаҳрак ва деҳот қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- бо назардошти қарори маҷлисҳои аҳолии ҳудуди дахлдор барои номгузорӣ ва номивазкунии ноҳия, шаҳрак, деҳот ва маҳалҳои аҳолинишин ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд;

- оид ба баррасии пешакии масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии дахлдор комиссия таъсис медиҳанд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- Феҳристи баҳисобгириро дар ҳудуди дахлдор пеш мебаранд.

6. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамаи маводи дар қисми 5 моддаи мазкур зикргардидаро бевосита ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамоянд.

**Моддаи 12. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар бораи ба категорияи шаҳрак ва деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин, номгузорӣ ва номивазкунии шаҳрак ва деҳот, маҳалҳои аҳолинишин, муқаррар намудани сарҳад ва марказҳои маъмурии онҳо қарори Ҷамоат ва маводеро, ки қарори мазкур дар асоси онҳо қабул гардидааст, ирсол менамоянд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

## БОБИ 3. ТАРТИБИ ТАЪСИС ВА БАРҲАМ ДОДАНИ ВОҲИДҲОИ МАЪМУРИЮ ҲУДУДӢ, МАҲАЛҲОИ АҲОЛИНИШИН ВА ТАҒЙИР ДОДАНИ САРҲАДИ ОНҲО

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

**Моддаи 13. Таъсис ва барҳам додани вилоятҳо ва тағйири сарҳади онҳо**

1. Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вилоятҳоро таъсис ва барҳам медиҳад. Ҳангоми таъсис додани вилоят сарҳад, тақсимоти шаҳрию ноҳиявӣ ва маркази маъмурии он муқаррар карда мешавад.

2. Тағйир додани сарҳади вилоятҳо ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии онҳо аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Маҷлисҳои вакилони халқи дахлдор амалӣ мегардад.

3. Сарҳади Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бе ризоияти Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тағйир дода намешавад.

**Моддаи 14. Таъсис ва барҳам додани шаҳр, шаҳрак ва тағйири сарҳади онҳо**

1. Таъсис ва барҳам додани шаҳр, шаҳрак ҳамчун воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ҳангоми ба категорияи шаҳр ва шаҳрак мансуб донистани маҳалли аҳолинишин бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдор аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

2. Тағйир додани сарҳади шаҳр ва шаҳрак аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдор амалӣ мегардад.

**Моддаи 15. Таъсис ва барҳам додани ноҳияҳо ва тағйири сарҳади онҳо**

1. Ноҳияҳоро Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдор таъсис ва барҳам медиҳад. Ҳангоми таъсис додани ноҳия сарҳад ва маркази маъмурии он, дар вақти таъсис додани ноҳияи тобеи шаҳр бошад, сарҳади он муайян карда мешавад.

2. Тағйир додани сарҳади ноҳияҳо ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии онҳо аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдор амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 16. Таъсис ва барҳам додани деҳот ва тағйири сарҳади онҳо**

Таъсис ва барҳам додани деҳот, тағйири сарҳади онҳо ва ба ҷои дигар кӯчонидани марказҳои маъмурии онҳо аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдори ноҳия, шаҳр, вилоят сурат мегирад. Ҳангоми таъсис додани деҳот сарҳад ва маркази маъмурии он муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 17. Ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа мансуб донистани маҳалли аҳолинишин**

Ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа мансуб донистани маҳалли аҳолинишин аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдори ноҳия, шаҳр, вилоят сурат мегирад.

## БОБИ 4. НОМГУЗОРИВУ НОМИВАЗКУНИИ ВОҲИДҲОИ МАЪМУРИЮ ҲУДУДӢ, МАҲАЛҲОИ АҲОЛИНИШИН ВА ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ ОНҲО

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

**Моддаи 18. Талабот ба номгузориву номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

1. Номгузориву номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ, шароити ҷуғрофӣ, таърихӣ, миллӣ, табиӣ ва шароити дигари маҳал, инчунин қарори маҷлиси аҳолии маҳалли дахлдор амалӣ мегардад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

2. Ҳангоми номгузорӣ ва номивазкунии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳракҳо, деҳот ва деҳаҳо дар ҳудуди шаҳрҳо ва ноҳияҳо такроран гузоштани номҳое, ки дар ин воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин мавҷуданд, манъ аст *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

3. Хароҷоти молиявию моддии вобаста ба номгузорию номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин аз ҳисоби буҷети маҳаллие пардохт мегардад, ки ин воҳиди маъмурию ҳудудӣ ва маҳалли аҳолинишин дар он ҷойгиранд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

4. Ба воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин гузоштани номи ходимони барҷастаи ҷамъиятию сиёсӣ ва илму фарҳанг, ки дар қайди ҳаёт нестанд, мумкин аст *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

**Моддаи 19. Номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

1. Номгузорӣ ва номивазкунии вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳот ва деҳаҳоро Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот бо назардошти қарори маҷлисҳои аҳолии ҳамин воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалли аҳолинишин амалӣ менамояд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

2. Номгузории вилоятҳо, ноҳияҳо ва деҳот дар вақти таъсиси онҳо, шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо дар мавриди ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 20. Номгузорӣ ва номивазкунии қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишин**

1. Номгузорӣ ва номивазкунии маҳаллаҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, хиёбонҳо, боғҳо, пулҳо ва дигар қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишин мувофиқан аз тарафи Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо, ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад.

2. Ҳангоми номгузорӣ ва номивазкунии қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишин такроран гузоштани номҳое, ки дар ин маҳалҳои аҳолинишин мавҷуданд, манъ аст.

3. Бо номи шахсони дар қайди ҳаётбуда номгузорӣ кардани қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишин манъ аст.

**Моддаи 21. Номгузорӣ ва номивазкунии объектҳои дигар**

Номгузорӣ ва номивазкунии объектҳои дигар бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 5. БАҚАЙДГИРӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ ВОҲИДҲОИ МАЪМУРИЮ ҲУДУДӢ ВА МАҲАЛҲОИ АҲОЛИНИШИН

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

**Моддаи 22. Бақайдгирӣ ва баҳисобгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

1. Воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишине, ки марзи муайян ва аҳолии муқимӣ доранд, ҳамчун ҳудудҳои алоҳида ба қайд ва ба ҳисоб гирифта мешаванд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

2. Маҳалҳои хурди истиқоматии аҳамияти муваққатидошта, ки истиқоматкунандагони муқимӣ надоранд (хонаҳои ҷангалбонон, бошишгоҳҳои саҳроӣ, пойгоҳҳои обуҳавосанҷӣ, хонаҳои устоҳои минтақаҳои роҳсозӣ ва ғайра), ба қайд ва ба ҳисоб гирифта намешаванд.

**Моддаи 23. Тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

1. Бақайдгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ пас аз таъсис додан ва маҳалҳои аҳолинишин пас аз ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа мансуб донистан ва қабули қарори дахлдори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи бақайдгирӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, анҷом дода мешавад. Тартиби бақайдгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишинро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

2. Феҳристи бақайдгирӣ нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад:

- рақами тартибӣ;
- санаи таъсис дода шудан ё асос ёфтани воҳиди маъмурию ҳудудӣ ва ба категорияи шаҳр, шаҳрак, деҳа мансуб дониста шудани маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;
- масоҳати воҳиди маъмурию ҳудудӣ ва маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;
- теъдоди аҳолии воҳиди маъмурию ҳудудӣ ва маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;
- масофа то пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маркази маъмурии вилоят, шаҳр, ноҳия, шаҳрак, деҳот бо андозаи километр;
- шумораи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалли аҳолинишин дар воҳиди маъмурию ҳудудии ба қайд гирифташаванда *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

3. Ҳангоми тағйир додани сарҳади воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии онҳо, номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин ба Феҳристи бақайдгирӣ тағйироти дахлдор ворид карда мешаванд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

4. Воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳоро баъди бақайдгирии онҳо мутаносибан мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба ҳисоб мегиранд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

5. Феҳристи баҳисобгирӣ нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад:

- рақами тартибӣ;
- номи воҳиди маъмурию ҳудудӣ, маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- санаи таъсис додан ё асос ёфтани воҳиди маъмурию ҳудудӣ, ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа мансуб дониста шудани маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- масоҳати воҳиди маъмурию ҳудудӣ ва маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- теъдоди аҳолии воҳиди маъмурию ҳудудӣ, маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- номгӯи қисмҳои таркибии воҳиди маъмурию ҳудудӣ, маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- воҳиди маъмурию ҳудудӣ, ки ба ҳайати он воҳиди маъмурию ҳудудӣ, маҳалли аҳолинишини ба ҳисоб гирифташаванда дохил мешаванд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- номи истгоҳи наздиктарини роҳи оҳан ва масофа то ба он бо андозаи километр;

- масофа то маркази маъмурии вилоят, шаҳр, ноҳия, шаҳрак, деҳот бо андозаи километр.

**Моддаи 24. Хориҷ намудани маҳалҳои аҳолинишин аз Феҳристи бақайдгирӣ ва Феҳристи баҳисобгирӣ**

1. Маҳалҳои аҳолинишине, ки аҳолии онҳо аз минтақа баромада рафтааст ё ба ҷои дигар кӯчидааст, бояд аз Феҳристи бақайдгирӣ ва Феҳристи баҳисобгирӣ хориҷ карда шаванд.

2. Аз Феҳристи бақайдгирӣ ва Феҳристи баҳисобгирӣ инчунин маҳалҳои аҳолинишине, ки ба ҳудуди шаҳр, шаҳрак дохил гардидаанд ё бо дигар маҳалҳои аҳолинишин якҷоя карда шудаанд, хориҷ карда мешаванд.

3. Маҳалҳои аҳолинишин бо тартиби барои бақайдгирӣ ва баҳисобгирӣ муқарраргардида аз Феҳристи бақайдгирӣ ва Феҳристи баҳисобгирӣ хориҷ карда мешаванд.

**Моддаи 25. Ҳуҷҷатҳо ва маводе, ки барои ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ заруранд**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

Ҳуҷҷатҳо ва маводи зарурӣ барои таъсис ва барҳам додани воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, тағйир додани сарҳади онҳо, ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин, тағйир додани сарҳади онҳо, муқаррар кардан ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин мутобиқи Номгӯи ҳуҷҷатҳо ва мавод оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудие, ки ба Қонуни конститутсионии мазкур замима гардидааст, ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

**Моддаи 26. Баҳисобгирии омории воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

Баҳисобгирии омории воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин аз ҷониби мақомоти омори давлатӣ пеш бурда мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*.

**БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 27. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни конститутсионии мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни конститутсионии мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 28. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №21, мод. 239; с. 2000, №11, мод. 513; с. 2003, №4, мод. 153; с. 2008, №3, мод. 182; с. 2009, №7-8, мод. 489; №12, мод.812) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 29. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни конститутсионии мазкур**

Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
ш. Душанбе,
19 марти соли 2013, № 958

Замима
ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
"Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти
марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон"

**Номгӯи ҳуҷҷатҳо ва маводе, ки оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ пешниҳод карда мешаванд**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

**I. Ҳангоми таъсиси вилояти нав:**

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мактуби тавзеҳии дорои маълумоти асосноккунандаи масоҳати иҷтимоию иқтисодии зарурати таъсиси вилояти нав, сарҳадҳои пешбинишуда, тақсимоти шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, маркази маъмурӣ ва номи он, ҳудуд, теъдоди аҳолӣ, аз ҷумла теъдоди аҳолии шаҳрҳо ва деҳаҳо;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояте, ки ҳудуди он тақсим карда мешавад.

**2. Ҳангоми тағйир додани сарҳади вилоят ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии он:**

*(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарори Маҷлисҳои вакилони халқи вилояте, ки як қисми ҳудуди он гирифта ва вилояте, ки ин ҳудуд ба он дохил карда мешавад дар бораи ризоият ба ин тағйирот;

- қарори Маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияе, ки ҳудуди он гирифта мешавад ва ноҳияе, ки ин ҳудуд ба ҳайати он дохил карда мешавад;

- қарори маҷлисҳои маҳалҳои аҳолинишини дахлдор ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар бораи ризоият барои аз як вилоят ба вилояти дигар додани ҳудуд, агар дар ҳудуди додашаванда маҳалҳои аҳолинишин мавҷуд бошанд;

- мактуби тавзеҳии дорои маълумот дар бораи масоҳати ҳудуди додашаванда, номгӯи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ё маҳалҳои аҳолинишин, теъдоди аҳолӣ ва тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии ҳудуди додашаванда *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тасвири сарҳад, харитаи топографӣ бо нақшаи хати гузариши сарҳади маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тарҳи нақша бо нишон додани ҳудуди додашаванда ва маҳалҳои аҳолинишин, шабакаи роҳҳо, сарҳадҳои мавҷуда ва нави вилоят дар ин маҳал;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва мактуби тавзеҳие, ки дар он далелҳои зарурати ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурӣ, тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии маркази нави маъмурӣ, масофаи он то марказҳои маъмурии ноҳияву шаҳрҳои вилоят ва пойтахти мамлакат нишон дода шудаанд.

**3. Ҳангоми таъсис додани ноҳияи нав:**

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояте, ки дар ҳудуди он ноҳияи нав таъсис дода мешавад;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи тақсимшаванда дар бораи ризоияти ба ҳайати ноҳияи нави таъсисёбанда додани як қисми ҳудуди он;

- мактуби тавзеҳие, ки дар он маълумот оид ба зарурати таъсис додани ноҳияи нав, тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии ноҳияе, ки ҳудуди он тақсим карда мешавад ва ноҳияи навтаъсисёбанда, масоҳати ҳудуд, теъдоди аҳолии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини ноҳияе, ки ҳудуди маъмурии он тақсим карда мешавад ва ноҳияи навтаъсисёбанда, тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии маркази маъмурии пешбинишудаи ноҳияи нав, масофаи байни он то марказҳои маъмурии шаҳракҳо, деҳот, вилоят, пойтахти мамлакат, истгоҳи наздиктарини роҳи оҳан, мавҷудияти биноҳо барои ҷойгир намудани муассисаҳои ноҳия, буҷети тахминии ноҳияи нав, номе, ки барои номгузорӣ ба ноҳияи навтаъсисёбанда пешниҳод мешавад ва шарҳи ин ном дарҷ гардида бошанд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тасвири сарҳад, харитаи топографӣ бо нақшаи хати гузариши сарҳади маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тарҳи нақшаи ноҳияе, ки ҳудуди он тақсим карда мешавад ва ноҳияи нав ташкилшаванда, ки дар он сарҳади ин ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳот нишон дода мешавад.

**4. Ҳангоми таъсис додани ноҳияи шаҳр:**

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳре, ки дар ҳайати он ноҳия таъсис дода мешавад;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят дар мавриди дар ҳудуди вилоят таъсис додани ноҳияи шаҳр;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи шаҳре, ки ҳудуди маъмурии он тақсим карда мешавад;

- мактуби тавзеҳие, ки дар он маълумот оид ба зарурати таъсис додани ноҳияи шаҳр, масоҳати ҳудуд ва теъдоди аҳолии ноҳияи таъсисёбанда, номгӯи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои дигар, тавсифномаи мухтасари фонди манзил ва хоҷагии коммуналӣ, маълумот дар бораи муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, буҷети тахминии ноҳияи шаҳрии таъсисёбанда, мавҷудияти биноҳо барои ҷойгир намудани мақомоти маъмурии ноҳия, номе, ки барои номгузории ноҳия пешниҳод мегардад ва шарҳи он дарҷ гардида бошанд;

- тасвири сарҳад, харитаи топографӣ бо нақшаи хати гузариши сарҳади марзиву маъмурӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- нақшаи шаҳр бо тарҳи сарҳади ноҳияи навтаъсисёбанда.

**5. Ҳангоми тағйир додани сарҳади ноҳия, ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии он, тағйир додани сарҳади ноҳияи шаҳр:**

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят;

- қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияе, ки як қисми ҳудуд аз таркиби он гирифта ва ноҳияе, ки ҳамон ҳудуд ба таркиби он дохил карда мешавад;

- қарорҳои ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, маҷлисҳои аҳолии маҳалҳои аҳолинишини дахлдор дар хусуси ризоият барои ба ноҳияи дигар додани ин ҳудуд;

- мактуби тавзеҳии дорои маълумот дар бораи масоҳати ҳудуди додашаванда, номгӯи воҳидҳои марзиву маъмурӣ ё маҳалҳои аҳолинишин ва теъдоди аҳолии онҳо, тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии ҳудуди додашаванда *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тасвири сарҳад, харитаи топографӣ бо нақшаи хати гузариши сарҳади марзиву маъмурӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тарҳи нақша бо нишон додани ҳудуди додашаванда ва маҳалҳои аҳолинишин, шабакаи роҳҳо, сарҳадҳои мавҷуда ва нав дар ин маҳал;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия бо мактуби тавзеҳии дорои далелҳои зарурати кӯчонидани маркази маъмурӣ ва тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии маркази нави маъмурӣ бо нишон додани масофаи байни маркази нави маъмурӣ ва марказҳои маъмурии деҳот, шаҳракҳо, вилоят ва пойтахти мамлакат:

- қарори Маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияе, ки як қисми ҳудуди он гирифта мешавад ва ноҳияи шаҳрие, ки ҳамин ҳудуд ба таркиби он дохил карда мешавад, бо мактуби тавзеҳии дорои тавсифи тағйироти пешбинишуда, тарҳи нақшаи ҳудуди додашаванда бо нишон додани сарҳади мавҷуда ва сарҳади нави ноҳияҳо.

**6. Ҳангоми ба категорияи шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоят мансуб донистани маҳалли аҳолинишин:**

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарори Маҷлиси дахлдори вакилони халқи вилоят, шаҳр ва Ҷамоати шаҳрак бо пешниҳод дар бораи ба ин ё он категорияи шаҳрҳо мансуб донистани маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- мактуби тавзеҳие, ки дар он маълумот оид ба асосноккунии зарурати ба категорияи шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоят мансуб донистани маҳалли

аҳолинишин, тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии маҳалли аҳолинишине, ки тағйир меёбад, теъдоди аҳолӣ, маълумот дар бораи фонди манзил, масоҳати ҳудуд, масофа то маркази маъмурии вилоят, пойтахти мамлакат ва истгоҳи наздиктарини роҳи оҳан, буҷети тахминии шаҳр, мавҷудияти биноҳо барои ҷойгир намудани мақомоти маъмурии шаҳр, пешниҳод дар бораи номи шаҳр ва шарҳи он дарҷ гардида бошанд;

- тасвири сарҳад, харитаи топографӣ бо нақшаи хати гузариши сарҳади маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тарҳи нақшаи маҳалли аҳолинишин, ки ба шаҳр мансуб дониста мешавад, бо нишон додани сарҳади он.

**7. Ҳангоми ба категорияи шаҳрак мансуб донистани маҳалли аҳолинишин:**

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдори шаҳр, ноҳия, Ҷамоати деҳот бо пешниҳод дар хусуси ба категорияи шаҳрак мансуб донистани маҳалли аҳолинишин *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- мактуби тавзеҳие, ки дар он маълумот оид ба асосноккунии зарурати ба категорияи шаҳрак мансуб донистани маҳалли аҳолинишин, тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии он, теъдоди аҳолӣ, маълумот дар бораи фонди манзил, масоҳати ҳудуд, масофа то марказҳои маъмурии ноҳия ва вилоят, пойтахти мамлакат ва истгоҳи наздиктарини роҳи оҳан, буҷети тахминии шаҳрак, мавҷудияти биноҳо барои ҷойгир намудани Ҷамоати шаҳрак, пешниҳод дар бораи номи шаҳрак ва шарҳи он дарҷ гардида бошанд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тасвири сарҳад, харитаи топографӣ бо нақшаи хати гузариши сарҳади маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тарҳи нақшаи маҳалли аҳолинишине, ки ба шаҳрак табдил дода мешавад, бо нишон додани сарҳади он.

**8. Ҳангоми тағйир додани сарҳади шаҳр ва шаҳрак:**

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят (оид ба шаҳрҳои тобеи вилоят);

- қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, Ҷамоати шаҳрак, инчунин қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳияе, ки дар тобеияти худ шаҳрак дорад, бо пешниҳод дар хусуси тағйир додани сарҳади шаҳр, шаҳрак; *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*

- қарори Маҷлиси вакилони халқи воҳиди маъмурию ҳудудие, ки як қисми ҳудуди он ба шаҳр, шаҳрак дохил карда мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- мактуби тавзеҳие, ки дар он маълумот оид ба асосноккунии зарурати тағйир додани сарҳади шаҳр, шаҳрак, масоҳати ҳудуде, ки ба сарҳади шаҳр, шаҳрак дохил карда мешавад, номгӯи маҳалҳои аҳолинишин, теъдоди аҳолии ба ҳудуди шаҳр, шаҳрак дохилшаванда, маълумот дар бораи муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳои дигари дар ҳудуди додашаванда воқеъбуда дарҷ гардиданд *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тасвири сарҳад, харитаи топографӣ бо нақшаи хати гузариши сарҳади маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тарҳи нақшаи шаҳр, шаҳрак бо нишон додани сарҳади мавҷуда ва сарҳади нави пешбинишуда.

**9. Ҳангоми таъсис додани деҳоти нав:**

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, ноҳия, ки дар тобеияти худ шаҳрак ва деҳот доранд, бо дархост дар хусуси ташкил намудани деҳоти нав;

- қарори ҷамоатҳои деҳоте, ки аз ҳисоби хурд намудани онҳо деҳоти нав ташкил меёбад дар хусуси ризоият доир ба тағйир додани ҳудудҳояшон;

- қарори маҷлисҳои аҳолии деҳаҳои ба ҳайати деҳоти нав дохилшаванда дар хусуси ризоияти онҳо барои ба деҳоти нав додани ин маҳалҳои аҳолинишин;

- мактуби тавзеҳие, ки дар он маълумот оид ба асосноккунии зарурати тавсиф намудани деҳоти нав, масоҳати ҳудуд, теъдоди аҳолӣ ва номгӯи маҳалҳои аҳолинишини деҳоте, ки ҳудуди онҳо тақсим мешавад ва деҳоте, ки нав ташкил карда мешаванд, масофа аз маҳалҳои аҳолинишин то марказҳои маъмурии деҳоте, ки ҳудуди онҳо хурд карда мешавад ва масофа аз маҳалҳои аҳолинишине, ки ба ҳайати деҳоти нав дохил мегарданд, то маркази маъмурии пешбинигардидаи он, тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии деҳоте, ки ҳудуди онҳо тақсим карда мешавад ва деҳоте, ки нав таъсис дода мешаванд, буҷети тахминии деҳоти нав, мавҷудияти биноҳо барои ҷойгир намудани ҷамоати он, пешниҳоди номи деҳоти нав ва шарҳи он, инчунин маълумот дар бораи маркази маъмурии он дарҷ гардидаанд;

- тасвири сарҳад, харитаи топографӣ бо нақшаи хати гузариши сарҳади маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- тарҳи харитаи деҳоте, ки ҳудуди онҳо тақсим мешаванд ва деҳоти нав таъсисёбанда бо нишон додани маркази маъмуриву маҳалҳои аҳолинишин, сарҳадҳои онҳо ва шабакаи роҳҳо ва.

**10. Ҳангоми тағйир додани сарҳади деҳот ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии он:**

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, ноҳияе, ки дар ҳудуди худ деҳот доранд, бо пешниҳод дар хусуси тағйир додани сарҳади деҳот ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии он;

- қарорҳои Ҷамоати деҳоте, ки як қисми ҳудуди он гирифта мешавад ва деҳоте, ки ҳамон қисми ҳудуд ба таркиби он дохил карда мешавад. Агар дар ҳудуди додашаванда маҳалҳои аҳолинишин мавҷуд бошанд, қарорҳои маҷлисҳои аҳолии онҳо дар хусуси ризоият барои додани ҳудуди маҳалли истиқомати онҳо ба деҳоти дигар пешниҳод карда мешавад *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- мактуби тавзеҳии дорои маълумот дар бораи масоҳати ҳудуди додашаванда, номгӯи маҳалҳои аҳолинишин ва теъдоди аҳолии ҳар яки онҳо, тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии ҳудуди додашаванда;

- тасвири сарҳад, харитаи топографӣ бо нақшаи хати гузариши сарҳади маъмурию ҳудудӣ *(Қонуни конст. ҶТ аз 2.01.2018 № 1492)*;

- нақшаи ҳудуди додашаванда бо нишон додани маҳалҳои аҳолинишин, шабакаи роҳҳо, сарҳади мавҷуда ва нав дар маҳалли мазкур;

- қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, ноҳия, ки дар ҳудуди худ деҳот доранд, инчунин қарори Ҷамоати деҳот бо мактуби тавзеҳии дорои асосноккунии зарурати ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурӣ ва тавсифномаи иҷтимоию иқтисодии маркази нави маъмурӣ, бо нишон додани масофа аз маркази маъмурии нав то маҳалҳои аҳолинишин ва маркази маъмурии ноҳия.

**11. Ҳангоми номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин:**

Ҳангоми иваз намудани номи вилоят:

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят;
- мактуби тавзеҳие, ки дар он асосноккунии зарурати иваз намудани номи вилоят ва шарҳи номи нави он зикр карда мешаванд.

Ҳангоми иваз намудани номи шаҳр, ноҳия:

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят (ҳангоми дигар кардани номи шаҳр, ноҳияи тобеи вилоят);
- қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, ноҳияи дахлдор;
- мактуби тавзеҳие, ки дар он зарурати иваз намудани номи шаҳр, ноҳия ва шарҳи номи нави онҳо зикр карда мешаванд.

Ҳангоми иваз намудани номи шаҳрак:

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят, шаҳр, ноҳияе, ки дар ҳудуди худ шаҳрак доранд;
- қарори ҷамоати шаҳрак;
- қарорҳои маҷлисҳои аҳолии маҳалҳои аҳолинишини дахлдор;
- мактуби тавзеҳие, ки дар он зарурати иваз намудани номи шаҳрак ва шарҳи номи нави он зикр карда мешаванд.

Ҳангоми иваз намудани номи деҳот:

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят, шаҳр, ноҳияе, ки дар ҳудуди худ деҳот доранд;
- қарори ҷамоати деҳот;
- қарорҳои маҷлисҳои аҳолии маҳалҳои аҳолинишини дахлдор;
- мактуби тавзеҳие, ки дар он зарурати иваз намудани номи деҳот ва шарҳи номи нави он зикр карда мешаванд.

Ҳангоми иваз намудани номи деҳа:

- пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят, шаҳр, ноҳия;
- қарорҳои ҷамоатҳои шаҳрак, деҳоте, ки дар ҳудуди худ деҳа доранд;
- қарори маҷлиси аҳолии ҳудуди дахлдор;

- мактуби тавзеҳие, ки дар он зарурати иваз намудани номи деҳа ва шарҳи номи нави он зикр карда мешаванд.

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул намудани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №21, мод. 240), қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2000, №6, мод. 372; с.2003, №3, мод. 101; с. 2008, №1, қ.2, мод.56; с.2009, №5, мод.377; №9-10, мод. 586) аз эътибор соқит дониста шаванд.

Раиси
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ
ш. Душанбе, 12 декабри соли 2012, № 1001

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси
Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Убайдуллоев
ш. Душанбе, 28 феврали соли 2013, №482